Тақриз

Ба диссертатсияи Муҳаммадҷони Тағоймуроди Раҳматулло

Дар мавзуъи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои 1Х-Х111 барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD

Мавзуъи мазкур аз нигоҳи илмӣ муҳим буда, то солҳои наздик мавриди таҳқиқи фалсафӣ қарор нагирифта буд.Дар асарҳои як идда муҳаққиқони фалсафаи тоҷик ин масъала дар осори мутафаккирони алоҳида ба таври ҷузӣ баррасӣ шуда буданд. Рустам Назаров яке аз аввалинҳо шуда, ба фалсафаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, онро як ҷӯзъи муҳимми фалсафаи муосир таҳқиқ карда буд. Давраи асрҳои 1Х-Х111 дар таърихи афкори фалсафӣ, адабӣ ва педагогии тоҷик ҷойгоҳи муҳим дорад. Бинобар ин ба ин масъала машғул шудани Муҳаммадҷони Раҳматуллоро дар идомаи таҳқиқотҳои гузашта кори хуб метавон арзёбӣ кард. Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки «Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки ворид гардидани унсурҳо ва арзишҳои бегона мушоҳида карда мешавад, ба хотири нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, инкишофи ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеа, таъмин намудани раванди самараноки таълиму тарбия, рӯй овардан ба фалсафаи маорифи халқи тоҷик ва истифодаи афкори тарбиявӣ ва таълимӣ дар амалия самаранокии раванди таълимро таъмин менамояд».

Муаллиф то андозае ба мақсади дар пеши худ барои таҳқиқ гузоштаи худ муваффақ шудааст ва ҷиҳати ба назар намоёни кори ӯ ин аст, ки ба сарчашмаҳои давраи таҳқиқшаванда то ҳадди зарурӣ ошноӣ пайдо кардааст ва масъалаҳои вобаста ба маорифро ташхис дода, инчунин асарҳои таҳқиқотиро ба таҳлил фаро гирифтааст. Муҳокимаронии муаллиф дурут аст, ки «Омӯзиш ва баррасиву таҳлили

таърихи фалсафаи маориф нишон медиҳад, ки маҳз тариқи рӯ овардан ба омӯзиши ғояҳои фалсафаи маориф дар давраҳои мухталифи таърихӣ, ҷомеа сатҳи муайяни инкишофро касб намуда, шахсиятҳои бузурги илмиро тарбия намудааст. Дар таърихи фалсафаи маорифи тоҷик метавон давраи асрҳои IX-XIII ҷудо намуд, ки яке аз давраҳои пурмаҳсул ва пурарзиш ба ҳисоб меравад.

Фалсафаи маориф бошад ин маҷмӯи ақидаҳоест, ки аз талаботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ таркиб ёфтааст ва ба ташаккули шахсияти ба давру замон мувофиқ равона карда шудааст.[1] Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фалсафаи маориф мувофиқ ба давру замон тағйир меёбад, барои талаботи ҷомеа шахсиятҳои зарурииро тарбия менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки фалсафаи маориф талаботҳои ҷомеаро қонеъ намуда, мутобиқати шахсро ба муҳити мавҷуда таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, мувофиқи ҳар як давра, фалсафаи маориф дорои хусусиятҳои хоси худ буда, талаботҳои ҷомеаро бароварда месозад". Муҳаққиқ чун ҷавон аст ва ба таҳқиқ тоза машғул шудааст, дастгирӣ намуда, ба роҳи ҷиддии илм ӯро раҳнамоӣ кардан зарур аст. Бинобар ин бо вуҷуди кори нисбатан хуберо, ки диссертант анҷом додааст, бояд барои роҳбарони илмӣ ва онҳое, ки ба тарбияи олимони фалсафа машғуланд, ёдовар шудан зарур аст, ки ҳамаи ҷанбаҳои таълим, тадрис ва тарбияро, ки дар осори гузаштагон баён шудаанд, фалсафӣ кардан нашояд. Масъалаи таълиму тарбия ба фалсафаи амалӣ дохил мешуд, вале онро мувофиқи замони муосир модернизатсия кардан ба мақсад мувофиқ нест. Дар ин сурат тамоми асарҳои ба педагогика мансубро фалсафӣ донистан даркор аст.

Аз автореферат маълум мешавад, ки муаллифи диссертатсия ҷавони кӯшо ва боғайрат аст, ба таҳқиқи мероси гузаштаи халқи тоҷик

---

алоқамандии ҷиддӣ дорад ва чанде аз масъалаҳои муҳими маорифро, ки бо фалсафа алоқаманд ҳастанд муайян карда, ба натиҷаи дуруст расидааст. Бинобар ин ба унвони илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисоси 6 Д020100-фасафа сазовор меҳисобам.

Академики АМИ Тоҷикистон К.Олимов

23.05.2020 -